# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус)

Самтҳои асосӣ ва механизми дар амал татбик намудани тараққиёти низоми педагогиро дар ҷумҳурӣ «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» тақвият бахшида, дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда нақши таҳсилот ва фарҳанги педагогӣ ба рушди пояҳои ахлоқиву маънавии насли навраси Тоҷикистони соҳибистиқлол таъсири назаррас мерасонад.

Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсони нутқидошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бо ҳалли кушодани роҳҳои бартарафсозии нуқсонҳои нутқӣ алоқамандбуда, амалӣ мегардад. Ин масъала бо муайян сохтани он шароитҳое алоқаманд мебошад, ки ба шарофати онҳо дараҷаи баланди инкишофи зеҳнии кӯдакон таъмин карда мешавад, яъне онҳо нишон медиҳад, ки дар кадом вазъият таълим инкишофдиҳанда шуда метавонад.

Муҳимияти мавзуи таҳқиқот дар он таҷассум мегардад, ки давраи муосири рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар таъмину танзими омодагии насли наврас, аз ҷумла кӯдакону наврасони имкониятҳои маҳдуддоштаро ба зиндагӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, яъне ба вуҷуд овардани қобилияти инсон барои қаноатманд намудани талаботи чунин ҷомеа тақозо мекунад.

Маълум мегардад, ки аксарияти таҳқиқгарон муносибатҳои гуногун ва ҷанбаҳои алоҳидаи ташкили раванди таълиму тарбияро дар марҳалаи ибтидоии таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Вале, дар самти раванди таълим истифода намудани технологияҳои инноватсионӣ бо мақсади ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ тавассути асарҳои илмӣ кофӣ намебошанд.

Муаллифи кори илмӣ - навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотии худро бо мақсади ислоҳнамоии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ дар самти раванди таълим истифода намудани усулҳои муосири таълим муайян намудааст. Ба акидаи муаллиф дар айни замон, таҳлили таҳқиқот нишон медиҳад, ки муаммои роҳҳои истифода намудани усулҳои фаъоли таълим дар илми педагога ҳалли кофӣ наёфтааст, хусусан, он бо назардошти вокеияти имрӯза коркард нашудааст.

Таҳлилу истифодаи методҳои таҳқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳднда тасдиқ менамояд.

Муаллиф боварӣ дорад, ки ҳангоми дуруст ба роҳ мондани шартҳои педагогӣ, дар корҳои ислоҳнамоӣ, асосҳои педагогии

хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсони нутқидошта дар мадарҳалаи тахсилоти томактабӣ бароиислоҳнамоии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ дарёфт ва тахия мегардад.

Дар боби аввал **«Таҳқиқи психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синну соли томактабӣ», ки** номгузорӣ шудааст, дар зербоби якуми он «Таҳлили психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқи кӯдакон дар адабиёти педагогӣ-психологӣ" қайд мегардад, ки дар ҳаёти инсон нутқ басо муҳим буда, яке аз омилҳои пурқуввати рушди кӯдак ба ҳисоб меравад. Тавассути нутқ одамон бо якдигар фикри худро мефаҳмонанд ва ба якдигар таҷрибаи ҳаётии худро баррасӣ менамоянд. Нутқ воситаи асосии гуфтугӯи байни инсон аст.

Зербоби дуюми боби якум – **«Нутқ ва аҳамияти он. Сабабҳои ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ»** таҳлилу баррасӣ шудааст. Дар ин зербоб андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ оид ба вазифаҳои инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ муҳим арзёбӣ гардидааст. Яъне, яке аз вазифаҳои гуногунсоҳа будани тарбияи маданияти овозии нутқ, ки он асосан вазифаҳои оид ба инкишофи дарккунии овозҳои забони модарӣ ва талаффузи онҳо (дар нутқи гуфтугӯӣ) дохил мегардад, қайд мегардад.

Дар зербоби сеюми боби якум **«Роҳу усулҳои баргузории корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони синни томактабӣ»** масъалаи таҳқиқи комплексии психологию педагогии кӯдаки дорои нуқсони нутқӣ дар асри гузашта таҳқиқшуда, баррасӣ мегардад. Имрӯз методикаҳои махсуси таҳқиқи психологию педагогии кӯдакони дорои нуқсони нутқии синни барвақт ва томактабӣ коркард мегарданд.

Ба андешаи муҳаққиқ дар раванди кори ислоҳию педагогӣ бо кӯдакони синни барвақтии томактабии нуқсони нутқдошта фарқиятҳои синнусолии онҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд.Машқҳои талаффузкунӣ – ин машқҳои комплексии интихоб шуда барои беҳтар намудани сифати органҳои ҳаракати талаффузкунӣ ва ба меъёр овардани он хизмат мекунад. Муҳим он аст, ки машқ ҳар рӯз такрор карда шавад.

Дар боби дувум андешаҳои муаллиф доир ба **«Шароитҳои педагогии баргузории корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ»** баён шудааст. Дар зербоби якуми боби дуюм «Тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир» таҳлил ва баррасӣ гардидааст.

Зербоби дуюми боби дуюм **«Воситаҳои педагогии ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқи кӯдакон дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ»** номгузорӣ гардидааст. Дар давраи ташаккулёбӣ нутқи ҳар як кӯдак аз ҷиҳати фонетикӣ то андозае мушкилот эҷод мекунад. Аммо талаффузи нодурусти кӯдакон дар 3-4-солагӣ ба таври табиӣ сурат мегирад, чунки ҳанӯз узви талаффуз дар кӯдак ноустувор аст.

Муҳаққиқ қайд мекунад, ки вайроншавии нутқро баъд аз 5-солагӣ ҳамчун забонгирии сахти физиологӣ дида баромадан мумкин аст, ки он метавонад минбаъд устувор гардад. Аз ин ҷо бармеояд, ки то ин синну

сол устуворгардии нуқсонҳои нутқ имконпазир аст. Барои ин, ҳар қадар пештар бо кӯдак машғулиятҳо гузаронем, ҳамон қадар камбудиҳои нутқӣ зуд ва осон бартараф карда мешаванд.

Дар боби сеюм **«Таҳқиқи хусусиятҳои батарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактаб дар муҳити таҳсилоти фарогир»** масъалаҳои хусусиятҳои баргузории корҳои логопедӣ дар озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он ва заминаҳои психологию педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир баррасӣ шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм **«Хусусиятҳои баргузории корҳои логопедӣ дар озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он»** қайд мегардад, ки назария ва амалияи таҳсилоти фарогир – дар якҷоягӣ ба таҳсил фарогирии бачагони имконияти маҳдуддошта ва солимро роҳандозӣ менамояд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки амалӣ гардонидани назария ва амалияи таҳсилоти фарогир – дар якҷоягӣ ба таҳсил фарогирии бачагони имконияти маҳдуддошта ва солим омодагии мураббия, таъминоти методию барномавӣ ва таъмин намудани муҳити фарогир барои ҳамаи иштирокчиёнро талаб менамояд. Мураббия бояд дар бораи хусусиятҳои рушди равонӣ, ҷисмонӣ, имконияту талаботҳои ҳар як кӯдак маълумот дошта бошад ва дар асоси он талаботро ба шахсияти ҳар як бача пешниҳод намояд.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Заминаҳои психологию педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир»** номгузорӣ гардидааст, ки дар он озмоишҳои таҷрибавӣ ташкил ва натиҷагирӣ гардидааст.

Дар қисмати мазкур барои ислоҳи нутқи кӯдакони нуқсондошта тадбирҳои омӯзиши психологӣ-педагогии кӯдак; машқҳои логопедӣ; ташкили корҳои инфиродӣ; сабтҳои аудиовизуалӣ, овозӣ; ташкили фаъолияти меҳнати дастӣ амалӣ гардидааст.

Омӯзиши психологӣ-педагогии кӯдак аз таҳқиқоти аввалини мушоҳидаҳо дар раванди корҳои логопедӣ ва назорати ҷамъбастӣ иборат аст.

Дар ҷараёни машғулиятҳои логопедӣ аз методи мушоҳидаи таркиби ҳарфӣ ва овозии калимаҳо васеъ истифода гардидааст. Аз болои ташаккулёбии муътадилӣ, пайдарҳамӣ, бомазмунии нутқ кор бурда шудааст. Бо ин гурӯҳи кӯдакон таҳлили таркиби овозии калима, сохти грамматикӣ ва алоқамандии тамоми қисматҳо бояд нигоҳ дошта шаванд. Ба талаботи умумии барқарор гардидани нутқи кӯдак такя карда, хусусиятҳои инкишофи нутқи ин гурӯҳро ҳамаҷониба мавзуи омӯзиш қарор додааст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии таҳқиқоти гузаронидаи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст. Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқикотро дарбар мегирад.

Дар баробари ин мехостем баъзе масъалаҳоро барои беҳтар шудани кори илмии пешниҳодшуда баён намоем.

1. Дар рисола бештар иқтибосҳо аз таҳқиқоти олимони хориҷи кишвар оварда шудааст, хуб мебуд ба таҳқиқоти олимони ватанӣ бештар таваҷҷуҳ мегардид.

2. Дар матни автореферат аҳёнан мазмуни ҷумлаҳо ва фикррониҳо мустаҳкамсозии ақидаро талаб мекунад, инчунин аз хатогиҳои техникӣ орӣ нест.

Пешниҳоди зикргардида арзиши илмии кори таҳқиқотиро кам намекунад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омузиши кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ дошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷуумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Шербоев С.

Имзои Шербоев С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б. Ғ.

**Нишонӣ:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj